| Истилоҳ | Таъриф | Тасвир |
|---|---|---|
| **Қатъи узви бадан** | Аз даст додани як узви бадан, масалан по ё даст. | |
| **Артрит** | Мушкилоти саломатӣ, ки дар натиҷаи он буғумҳои одам шах мешаванд ва варам мекунанд ва/ё ҳангоми ҳаракат кардан дард мекунанд. | |
| **Устухони шикаста** | Шикастан ё кафидани устухони бадан. | |
| **Диабети қанд** | Беморие, ки ҳангоми гирифтор шудан ба он, қанд дар таркиби хун зиёд мешавад. Ин метавонад ба мушкилоти зиёди саломатӣ оварда расонад, аз ҷумла: душворӣ дар ҳис кардани узвҳои бадан (бахусус панҷаи поҳо) ва захмҳои минбаъдаи панҷаи по, оҳиста-оҳиста аз даст додани қувваи бинои, осеби гурда, дошта натавонистани пешоб ва душвории ба ёд овардан. | |
| **Захми панҷаи по** | Кафидани пӯсти панҷаи по. Захмҳои панҷаи по оризаҳои диабети қанд ва дигар мушкилоти саломатӣ, ки ҳиссиёти панҷаи поро коҳиш медиҳад, ба шумор меравaнд. Агар муолиҷа карда нашаванд, захми диабетикии панҷаи по метавонад ба қатъ шудани ин узв оварда расонад. Захмҳои диабетикии панҷаи по ҳамчунин яраҳои панҷаи по номида мешаванд. |  |
| **Заъф/сустӣ** | Сустӣ, шикастпазирӣ ва бо энергияи кам. Аксари вақтҳо замоне ба вуҷуд меояд, ки одамон пир мешаванд ва вазъи саломатиашон бад мешавад. | |
| **Функсияи даст** | Қобилияти истифода бурдани даст барои анҷом додани фаъолиятҳо, масалан, навиштан, бардоштани ашё, пухтани хӯрок, дарздӯзӣ. | |
| **Фалаҷ (паралич)** | Аз даст додани қобилияти ҳаракат додани узви бадан (одатан пойҳо ва дастҳо). | |
| **Фалаҷи кӯдакон** | Бемории ҷиддии сироятӣ, ки метавонад боиси суст ё фалаҷ шудани мушакҳои инсон гардад. Ин ҳатто баъд аз бартараф шудани инфексия ба ҳарактнокии онҳо таъсир мерасонад. | |

| | | |
|---|---|---|
| **Протези по ё панҷаи по** | По ё панҷаи пои сунъӣ, ки по ё панҷаи пои қатъшударо иваз мекунад. |  |
| **Сактаи мағзи сар** | Қатъ шудани гардиши хун дар мағзи сар. Ин метавонад боиси он гардад, ки як тарафи бадан суст ё фалаҷ мешавад, ҳамчунин мушкилоти гап задан, ҳис кардан, фикр кардан ва дидан ба миён меояд. | |
| **Кафшҳои муносиб:** | Кафшҳое, ки метавон дар маҳал харидорӣ кард, муносиб ҳастанд ва дорои хусусиятҳое ҳастанд, ки панҷаи поро муҳофизат мекунанд ва хавфи афтоданро коҳиш медиҳанд. |   |
| **Пойафзоли терапевтӣ:** | Кафшҳои дорои хусусиятҳои махсус, ки барои панҷаи поҳои таҳти хавфи гирифтор шудан ба захмҳо функсияҳои муҳофизатӣ ва тақвиятдиҳанда пешниҳод мекунанд. |   |
| **Ҳамл кардани вазн** | Миқдори вазне, ки одам метавонад бо пой(ҳо)-и худ бардорад. | |